2875 - Кор кардани мусулмон дар назди марди мулҳид

савол

Ман дар назди як шахси мулҳид (ки ба Худо бовар надорад) кор мекунам. Оё дар назди ӯ кор кардан ҷоиз аст? Бояд қайд кард, ки ӯ бо ман муносибати хуб дорад ва барои намоз вақт медиҳад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар соҳаи кори шумо раво бошад, ҳеҷ боке нест, ки дар назди ӯ кор кунед, модоме ки ба фармонҳои Аллоҳ пойбанд бошед. Шумо бояд бо равиши нек ӯро ба сӯи Аллоҳ даъват намоед, шояд Аллоҳ ӯро ба воситаи шумо ҳидоят кунад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме, ки Алӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод)-ро дар рӯзи Хайбар ба сӯи кофирон фиристод, ба ӯ фармуд: **«Онҳоро ба Ислом даъват кун ва онҳоро аз фармонҳои Аллоҳ бохабар соз. Қасам ба Аллоҳ, агар ба воситаи ту Аллоҳ мардеро ҳидоят намояд, бароят аз шутурони сурх беҳтар аст».** (Шутурони сурх боарзиштарин ва гаронбаҳотарин молҳои араб буд). Ривояти Бухорӣ (2787).